Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

7 сентябри соли 2002. Шанбе № 69 (12810)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 16.30 имзо гардид.

Хабари мухтасар

Дар бораи маҷлиси Кенгаши амнияти миллии назди Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

3 сентябри соли 2002 маҷлиси навбатии Кенгаши амнияти миллии назди Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба амал омад.

Маҷлис таҳти сарпарастии Президенти мамлакат, Раиси Кенгаши амнияти миллӣ Ислом Каримов гузашт.

Дар маҷлис масъалаҳои минбаъда пурзӯр кардани ҳифзи Сарҳади давлатӣ, таъмини амният ва ҳуқуқу тартибот дар маҳалҳои сарҳадии мамлакат, ҳамчунин баланд бардоштани босамарии тайёрии ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ баррасӣ гардида, натиҷаҳои машқҳои оперативу тактикии соединенияҳо ва қисмҳои сохтори неруҳои Ӯзбекистон ҷамъбаст гардиданд, ки дар ноҳияҳои кӯҳии вилояти Кашқадарё гузаронда шуданд.

Дар рафти муҳокиморонӣ ба такмил додани тайёрии касбии хизматчиёни ҳарбӣ аз рӯи қарордод, сержантҳо, ҳамчунин кадрҳои афсарӣ, баланд бардоштани дараҷаи тайёрии мақомоти идораву штабҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ диққату эътибори махсус нигаронда шуд. Дар пойгоҳи таҳлили амиқи таҳдидҳои замонавӣ ба амният ва якпорчагии ҳудуди мамлакат самтҳои асосии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва сохторҳои неруҳӣ оид ба амалӣ гардондани вазифаҳои устувори амиқ гардондани ислоҳсозии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳокима гардиданд, ки ба созмон додани артиши аз ҷиҳати миқдор на он қадар зиёд, сафарбаркунандаву ҷавобгӯи талаботи замонавӣ, артиши хуб омӯзондашудаву барои ҳифзи сарҳад, амният, сулҳу салоҳ ва осоиштагии халқ қодиру қобил мебошад, нигаронда шудааст.

Аз рӯи масъалаҳои муҳокимагардида қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

(ӮзА).

Дараҷаи баланди ҳамкорӣ

Дар Вазорати меҳиҳтисодиёт ва омор вохӯрии ҷонишини Нахуствазир, идоракунандаи Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо аз тарафи Ӯзбекистон Р.Азимов бо ҷонишини аввали ноиб-президенти Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо Н.Дойл ба амал омад.

Ҳангоми мулоқот зикр гардид, ки дараҷаи ҳамкорӣ баланд буда, натиҷаи он амалӣ гардондани 19 лоиҳа бо маблағи умумии 1,2 миллиард доллари ИМА ва ҳаҷми бо маблағтаъминкунии Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо ба андозаи 667 миллион доллар мебошад.

Ҳангоми мулоқот масъалаҳои амалӣ гардондани лоиҳаҳои тайёршаванда, аз он ҷумла хатти сеюми вомгузории Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо барои рушди соҳибкории хурду миёна, таҷдиди Нурҳонаи алавии Сирдарё (Фаза-II), таъминот бо гармӣ ва оби ошомидании шаҳри Тошканд, хусусигардонии сектори телекоммуникатсияҳо ва Бонки «Асака», ҷонибдории барномаи рушди технологияҳои иттилоотиву компутерӣ мебошанд, баррасӣ гардиданд.

Ҳамчунин масъалаи рафти тайёрӣ ба гузарондани маҷлиси ҳарсолаи Шӯрои идоракунандагон ба бизнес-анҷумани Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо соли 2003 дар Тошканд мавриди муҳокима қарор гирифт.

Баъди анҷоми гуфтушунидҳо маросими ба имзо расондани созишнома бахшида ба (кушоиши хатти нави вомгузории) бо маблағ таъмин кардани соҳибкории хурд ба андозаи 20 миллион доллари ИМА ба амал омад. Ҳамчунин Н.Дойл бо сарварони «Пахтабонк», «Ҳамкорбанк» созишномаи вомгузориро мутобиқан ба 7 ва 2 миллион доллар ба имзо расонд.

Зикр ёфт, ки дар вақтҳои наздик ба имзо расондани созишнома бо дигар бонкҳои тиҷоратӣ дар доираи хатти мазкури вомгузорӣ ба амал меоянд.

(ӮзА).

Андешаҳо баъди иҷлосияи Олий Маҷлис

Барномаи дурнамои пешрафт

Иҷлосияи нӯҳуми Олий Маҷлис даъвати дуюм мулки таъриф гардид. Ва он боз як марҳилаи муҳим дар роҳи аз нигоҳи ҳуқуқӣ таъмин гардидани ислоҳоти доманадор дар мамлакатамон шуд, ки мувофиқи дастури стратегии рушди Ӯзбекистони мустақил дар оғози садаи ХХ1 ба рӯи об бароварда мешавад, ки Президенти мамлакатамон Ислом Каримов таҳия намудааст.



Дар он Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон маъруза намуда, ба роҳи тайкардаи ёздаҳ соли истиқлол назар афканд, вазифаҳоеро пеш гузошт, ки мебояд дар аввали садаи кунун ба иҷро расонем.

Ҳақиқатан, дар тӯли ёздаҳ сол мо ба комёбиҳои калон муваффақ гардидем. Дар ин муддат дар саноат, кишоварзӣ, илму фарҳанг, алкисса, дар ҳамаи соҳаҳо комёбиҳои калон ба даст овардем, ки аз чиҳати шаҳомат, моҳият ва аҳамият корҳое мебошанд, ки онҳоро дар тӯли садсолаҳо ба иҷро расондан мумкин аст. Охир, барои мо ҳар сол, ҳар моҳ ба истифода супурдани иншоотҳои нав ба нав, корхона, муассиса як одати муқаррарӣ шуда мондааст. Чунин микёси бунёдкориро дар кадом мамлакат мушоҳида кардан мумкин аст? Кадом мамлакат дар бадали панҷ сол соҳиби саноати автомобилсозӣ гардида, баробари мошинҳои сабукрав, автобусҳо, мошинҳои боркашон, таъиноти кишоварзиву саноатӣ ва ғайра тайёр мекунад? Кадом мамлакат дар тӯли панҷ сол ба мустақилияти нафту сӯзишворӣ ва ғалла расидааст? Ва кадом мамлакатро пайдо кардан мумкин аст, ки дар ин фурсати кӯтоҳ бо давлатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ мутараққӣ «забон» ёфта, бо онҳо шарики стратегӣ гардидааст? Ва ин қабил мисолҳоро бисёр овардан мумкин аст.

Ва он шарофати роҳи дурусти интихобгардида мебошад, ки алҳол дар саросари ҷаҳон ҳамчун «шакли ӯзбекии пешрафт» эътироф гардидааст.

Вале ин комёбиҳо ба осонӣ ба даст наомадаанд. Баробари меҳнати зарбдорона, сафарбар кардани тамоми воситаву имкониятҳо ба мо лозим омад, ки «айбчӯиҳои» сершуморро аз сар бадар кунем, ба бадбинҳои дохилаву беруна муборизе барем. Мутаассифона, ин қувваҳо ҳанӯз ҳам ҳастанду ба комёбиҳои мо бо чашми ҳасад назар меафкананд, аз никӯр ҳанӯз даст накашидаанд. Вале чархи таъриҳро ба ақиб баргардондан мумкин нест. Ӯзбекистон аз роҳи интихобкардаи худ барнамегардад ва дар рафти амалӣ гардондани ислоҳот ба роҳи пешрафт саҳеҳиҳо дароварда, қадамҳои дилпурона мегузорад. Зеро тафаккури мардуми мо тағйир ёфтааст, ба фарқи «сиёҳу сафед» меравад, дигар онҳоро роҳгум задан мумкин нест.

Сарвари давлатамон баробари ин аз хусуси ҳафт самти устувор фикру мулоҳизаҳои хеҳро баён кард, ки он барномаи дурнамои пешрафти моро дар аввали садаи бисту якум муайян мекунад. Самти аввали бартаринок ин бартарӣ доштани рушди мустақилона, яъне пеш аз ҳама ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардан ба тақдири хеш, сохтани ояндаи худ, ихтиёрдорӣ кардани сарватҳои мамлакат бо назардошти пеш аз ҳама манфиатҳои халқи хеш мебошад. Ва он баробари ҳаёт ба сар бурдан такя кардан ба арзишу анъанаҳои миллӣ буда, онро бояд барои авлоди оянда нигоҳ дошта, расонда диҳем.

Таъмини амният ва мӯътадилии мамлакат, якпорчагии ҳудуд, дахлнопазирии сарҳади он, осоишу мӯътадилии шаҳрвандон самти дигари бартаринок мебошад. Чунки мо дар тӯли таъриҳи ёздаҳсолагии мустақилияти худ то чӣ андоза неъмати бузург будани сулҳу осоишро дар амал ҳис кардем ва пай бурдем, ки мӯътадилӣ ва осудаҳолӣ дар мамлакат ин асоси пешрафт ва рушд мебошад.

Самти сеюми устувор ин минбаъда амиқ гардондани муносибатҳои бозаргонӣ ва ба вуҷуд овардани инфрасохтори пурқуввати бозаргонист. Маънои он пеш аз ҳама дар маҳдуд сохтани нақши танзимгарии давлат, васеъ гардондани миқёси озодии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ ва мулкдорӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодӣ, мустаҳкам кардани нақш ва ҳуқуқи мулкдор зоҳир мегардад. Яъне мустаҳкам гардидани соҳибкории хурду миёна, тадбиргарии хусусӣ, афзун гардондани саҳми он дар ҳаҷми маҳсулоти умумии дохила, ба вуҷуд овардани синфи амволдорон, ҷалб сохтани сармояҳои хориҷӣ, таъмини ба содирот бештар баровардани маҳсулот ва вусъат додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоте, ки воридотро иваз мекунад, вазифаҳои умда мебошанд.

Минбаъда рушду хушсифат навсозии ҷамъиятамон самти дигари муҳими устувор аст, ки дар амал ҷорӣ кардани усулиятҳои демократиконии ҷамъият, таъмини кафолатҳои зарурӣ ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, озодии сухан ва воситаҳои ахбори оммавӣ, ошкорбаёниро талаб мекунад. Дар ин бобат рушд бахшидани воситаҳои ахбори оммавӣ аҳамияти калон дорад. Воситаҳои ахбори оммавии озод ва мустақил фаъолона арзи ҳастӣ карда, бояд дар ҳақиқат ҳокимияти чаҳорум гарданд. Расонаҳои ахбори оммавӣ ҳамчун муассисоти назорати ҷамъиятӣ барои иҷрои қонунҳо ва санадҳои меъёрии қабулгардида, назорати чӣ гуна вазифаҳои ҳудро иҷро намудани кормандони давлатӣ пурзӯр гардонанд. Маҳз воситаҳои ахбори оммавӣ бояд шакли фаъолонаи ифода намудани афкори ҳар як инсон бошанд. Маҳз воситаҳои ахбори оммавӣ бояд ҳимоягари суннатҳои демократӣ ва ғояҳои ҷамъияти мо гарданд, дар бобати ташаккул ёфтани шуури сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва демократии одамон мунтазам кор баранд.

Чунки воситаҳои ахбори оммавӣ силоҳи муҳим буда, ҳамеша ба афкори ҷамъият таъсири пурзӯр расонда метавонанд. Бинобар ин ҳам масъулияти паёмнигорон, одамоне, ки дар даст қалам доранд, дар бобати таъсир расондан ба дили мардум хеле бузург аст. Таъмини рақобат, рушди босуръати соҳаи иттилоот вазифаи муҳим мебошад.

Шарти муҳими ба вуҷуд овардани ҷамъияти шаҳрвандӣ ин пурзӯр кардани нақш ва аҳамияти муассисоти ғайридавлативу ҷамъиятӣ дар ҳаёти ҷамъиятист. Маънои он дар зиёд намудани вазифаҳои мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва мақомоти худидораи шаҳрвандон, мустақиман ба онҳо супурдани як қисми ваколатҳои ҳокимияту идораи давлатӣ ва муҳимаш, васеъ гардондани ҳуқуқ ва нақши сохторҳои ғайридавлатӣ, ҷамъиятӣ, ба микёси пурра фаро гирифтани ҳимояи сохторҳои касбӣ ва иҷтимоии аҳолӣ зоҳир мегардад ва маҳз дар ҳамин асос консепсияи сиёсати мо намудор мегардад, ки он аз «Аз давлати муқтадир ба ҷамъияти шаҳрвандии пурқувват» иборат аст. Маҳз ҳамин равиш имкон медиҳад, ки ҳуди шаҳрвандон дар идоракунӣ ва созмон додани ҳаёти хеш ва тамоми ҳаёти ҷамъият васеъ иштирок намоянд, ки ба раванди ҷамъияти шаҳрвандӣ пурра мувофиқат мекунад. Дар ин бобат нақши назорати ҷамъиятӣ аз болои амалӣ гардондани қонунҳо ва меъёрҳо калон мегардад. Дар ин бобат нақши ҳизбҳои сиёсӣ ҳам калон шуданаш лозим. Чунки амалия талаб мекунад: дар ҳар кадом кишвари демократӣ мусоибиқаи ҳизбҳо мавҷуд бошад, талоши нуқтаи назар ва ғояҳо, агар равшан баён кунем, муборизе барои гирифтани овози интихобкунандагон мавҷуд мебошад. Ҳамаи он албатта, дар чаҳорчӯбаи санадҳои ҳуқуқии конституторсионӣ ва санадҳои қонунгузориҳо, ки дар мамлакат қабул мегарданд, ба амал бароянд.

Самти устувори шашум ин ислоҳоти судиву ҳуқуқист. Яъне дар амал таъмин кардани мустақилияти низоми судиву ҳуқуқист, ки дар бобати волоият доштани қонун аҳамияти калон дорад. Амалия собит мекунад: агар мустақилияти судиву ҳуқуқӣ таъмин карда нашавад, дар он сурат қонуншиканӣ рух медиҳад, қарорҳои адолатнок қабул карда намешаванд. Аз ин фикрҳо чунин хулоса бардоштан мумкин аст: ислоҳоти низоми судӣ бояд пеш аз ҳама ба мустақилияти воқеии судҳое нигаронда шавад, ки қарорро мебароранд. Дар он сурат судҳо мақомоте мегарданд, ки танҳо ҳуқуқ, озодӣ ва манфиати одамонро ҳимоя мекунад. Танҳо дар чунин маврид суд метавонад шохаи сеюми ҳамаҷониба мустақили ҳокимият гардад.

Омили инсонӣ самти ҳафтуми устувор аст. Ва маҳз омили инсонӣ самти асосӣ ва натиҷабахшии тамоми ислоҳотҳо мегардад. Ва он маъноӣ мустақиман ба мунтазам баланд бардоштани сатҳи рӯзгори моддии мардум, мустаҳкам гардидани ҳифзи иҷтимоии аҳолиро тақозо дорад.

Зеро мо аз таҷрибаи тараққиёти ёздаҳсолаи худ пай бурдем, ки таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчун афзалияти муҳим дар тамоми давраҳои ислоҳот хизмат намуд ва яке аз раванди асосии мо ҳини гузоштани пойдевори ислоҳот гардид. Мо бояд минбаъд ҳам ба ин раванд такя намоем.

Маънавият, ахлоқ, маърифат ҳамдами доимии мардуммамон, алалхусус ҷавононамон гардад. Зеро набояд фаромӯш кунем, ки ояндаи кишвар аз чӣ гуна ба камол расидани насли оянда, аз чӣ гуна суннатҳои аҳлоқиро дар ҳуд ҷуҷонидани онҳо, аз чӣ гуна фаъолона будани мавқеи ҳаётии онон, ба чӣ гуна ғояҳо хизмат кардани онҳо вобаста аст. Ба меҳнати имрӯзаамон аз ҳамин дидгоҳ баҳо ҳоҳанд дод.

Мо вазифадорему ӯҳдадор ҳастем, ки барои маънавияти фарзандонамон, фаъолона ва мунтазамона муборизе барем. Маънавият, ахлоқ ва маърифат, сиҳҳатмандии ҷисмонии онҳоро таъмин созем. Зеро маънавият, ахлоқ ва маърифатро халқи мо ҳамеша эҳтиром кардааст ва мекунад. Дар замири он фалсафа ва дини мо қарор гирифтаасту дар пешрафти ҷамъият нақши калоне мебозад. Демократия, ҷамъияти шаҳрвандӣ ва давлати демократии ҳуқуқбунёд, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар мавриде таъмин карда мешавад, ки агар инсон бомаданияту бомаърифат, бунёдкор ва ҳифозатгар бошад. Дар он сурат вай шаҳрванди ҳақиқӣ ба ин ҷамъияти озод мегардад. Агар боз саҳеҳтар гӯем, ҷамъият фақат он вақт ҷамъияти ҳуқуқбунёд, куллан шаҳрвандӣ мегардад, ки дар он ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон таъмин карда шавад. Ҳар кадом инсон бояд ҳуқуқи ҳудро аниқ донад, аз он истифода бурда, онро ҳимоя карда тавонад. Барои ин бошад, пеш аз ҳама бояд маданияти ҳуқуқии аҳолии мо баланд бошад. Ҳамзамон ҳар як одам ба он мӯъташқиқ бошад, ки мақомоте мавҷуданд, ки ҳуқуқҳои ӯро аз беадолатии бюрократҳо, қонунвайронкунандагон ҳимоя мекунанд. Дар ҷамъият бояд низоми пурсамари ҳамвазн ба вуҷуд ояд.

Президент дар бораи ислоҳи артиши миллӣ ҳам бисёр нуқтаҳоро баён сохт, зарурати созмон додани артиши касбиро бори дигар зикр намуд. Вале артиши касбӣ тавассути ба рӯи об бароварданн хизмат ба мӯҳлати ҳарбӣ амалӣ гардонда мешавад. Аз ин рӯ фарзандони мо аз даъвати баҳории соли ояндаи 2003 дар сафи артиш ҳамагӣ 12 моҳ хизмат мекунанд. Яъне мӯҳлати хизмати бамӯҳлати ҳарбӣ ба ним сол ихтисор гардид.

Мамлакати мо бартарияти доштани волоияти қонун, итоаткорӣ ба қонун, аз нигоҳи ҳуқуқӣ ҳаллу фасл кардани тамоми масъалаҳоро асоси фаъолияти ҳуд қарор додааст. Чунки демократияро бидуни ба роҳ мондани низоми аниқи қонунҳо тасаввур кардан душвор аст. Агар лоиҳаҳои қонунҳоеро, ки иҷлосияи нӯҳуми Олий Маҷлис даъвати дуюм мавриди баррасӣ қарор дод, аз ин нигоҳ таҳлил намоем, дар он сурат гуфтан зарур аст, ки сессияи навбатии парлумон санадҳои меъёриеро қабул намуд, ки асоси қонунгузории сохтмони ҷамъияти адолатноки демократии асосаш иқтисоди бозаргонии рушдёфтаро вусъату таҳким бахшид, барои ҳаллу фасли як қатор вазифаҳои муҳиме мусоидат намуд, ки барои баланд бардоштани босамарии маҷмӯи хоҷагии халқ, сатҳи зиндагонии моддии одамон нигаронда шудааст.

Аз он ҷумла иҷлосия баробари муҳокимаи иҷрои Бучаи давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар нимаи якуми соли кунун ба масъалаҳое диққату эътибори калонро нигаронд, ки барои минбаъда бартараф сохтани камбудиҳову норасоиҳо дар соҳаи мазкур бевосита таъсири мусбии ҳудро мерасонанд. Аз ҳама муҳимаш, вакилони халқ, ки намояндагони мардуми Ӯзбекистонанд, аз он бохабар гардиданд, ки сиёсати ҳукумати мо пеш аз ҳама барои бахту саодати инсон нигаронда шудааст, ислоҳотҳо танҳо барои беҳбудии ҳаёти мардум хизмат мерасонанд.

Як қатор лоиҳаҳои қонунҳо бо таҳрири нав, кироати аввал муҳокима гардиданд. Баъзеяшон қабул гардиданд. Баъзеяшон дар таҳрири нав маъқул дониста, барои муҳокимаи умумихалқӣ пешкаш гардиданд. Яъне боз як бор исбот карда шуд, ки мо бе маслиҳату машварат бо халқ ба ягон кор, навигарӣ даст намезанем, барои аз дурдонаҳои халқӣ ғанӣ гардидани заминаи қонунгузориамон ҳамеша диққату эътибори аввалиндараҷа медиҳем.

Дар иҷлосия маълум гардид, ки мамлакати мо ба марҳилаи нави тараққиёти ҳуд расидааст. Ва вакилони халқ ҳам ба фаъолияти ҳуд аз ҳамин нуқтаи назар муносибат кардаанд. Чунки аз камбудиву хатоиҳо сабақ бардоштан, роҳи минбаъдаро ҳамвор месозад, ҳаллу фасли муаммоҳоро осонтар мегардонад. Баробари ин касро водор месозад, ки барои фатҳи қуллаҳои нав нақша кашанд. Ва маҳз иҷлосия барои рушди минбаъдаи мо нақшаи навро кашид. Аз ин рӯ лозим меояд, ки ҳар як шахсе, ки ҳудро сокини Ӯзбекистон мепиндорад, аз ин нуктаҳо барояш хулоса бардорад, нақшаҳои нав ба навро кашад.

Мо ба роҳи минбаъдаи ҳуд боварӣ дорем ва ҳуб медонем, ки он дурахшон асту ҳаётамон аз ин ҳам фаровон мегардад. Зеро шуури халқамон ба куллӣ тағйир ёфтааст, одамони нав ба камол расидаанд. Онҳо ҳис кардаанд, ки тамоми рушду пешрафт танҳо ба туфайли муттаҳидӣ, мутафиқӣ, аҳливу осоиштагӣ ба рӯи об бароварда мешавад. Пас ҳамин тавр бошад, ояндаи мо дурахшон мегардад, аз касе камӣ надорем ва аз касе кам шуданӣ ҳам нестем.

Э.ТУРДИҚУЛОВ.

Дар сурат: лаҳзаҳо аз иҷлосияи нӯҳуми Олий Маҷлис.

Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.

Муборакбодиҳои самимона

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Аълоҳазрат,

Ба муносибати рӯзи иди истиқлоли Ӯзбекистон ба Шумо, Ҳукумати Ӯзбекистон ва халқи он фиристодагони муборакбодиҳои самимона ба ман мамнунияти калон мебахшад.

Айёми мо, ки аз даври зиддиятҳои оламшумул иборат аст, дар доираи ҷаҳонӣ ба роҳ мондани ҳамкориро тақозо дорад. Созмони Миллали Муттаҳид анҷуманест, ки манфиатҳои тамоми давлатҳо ва халқҳоро ба эътибор мегирад. Вай ҳамчун воситаи универсиалии тараққиёти инсоният шуда хизмат мекунад, аз паи мустаҳкам кардани устувории қонун, решакан кардани бешафқатӣ нисбати инсон, маҳфузияти захираҳои гаронбаҳои Замин, ҷонибдорӣ кардани баробарии ҳуқуқҳои занону мардон, ҳамчунин бартараф кардани кулфатҳои бенавоён ва табақаи ночори аҳолӣ мебошад.

Ва барои ноил гардидан ба мақсадҳои мазкур дар ихтиёри мо қувваҳои сиёсӣ, илмӣ, технологӣ мебошад. Вазифаи мо аз муайян кардани манфиатҳои муштарак, муттаҳид сохтани саъю кӯшиш, ба марҳилаи нав бардоштани ҳамкории байналхалқист.

Ман барои ба ин кори ниҳоят муҳим ҳисса гузоштани Ҳукумати Ӯзбекистон ва халқи он ва дар ҳамин рӯҳ ба роҳ мондани ҳамкориро бесаброна мунтазир ҳастам ва ба муносибати иди муҳими миллӣ ба Шумо дарҳостҳои аз ҳама беҳтаринамро ирсол мекунам.

Аълоҳазрат,эҳтиромӣ калони нисбататон доштаамро қабул фармоед.

Кофи АННАН,
Сармуншии Созмони Миллали Муттаҳид.

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Муҳтарам ҷаноби Президент

Дар мавриди иди миллиатон—Рӯзи истиқлолияти Ӯзбекистон халқи дӯсту бародарро аз номи халқи турк ва шахсан аз номи худ самимона муборакбод мекунам ва шахсан аз номи худам Шумо Аълоҳазрат ва тамоми халқи ӯзбекро таҳният мегӯям.

Туркия ба муносибатҳо бо Ӯзбекистони бародарӣ аҳамияти махсус медиҳад. Муҳтакиқ ҳастем, ки рабобиту ҳамкории мо, ки решаҳои амиқи таъриҳӣ доранд, минбаъд низ ба умумияти манфиатҳоямон такя намуда, инкишоф меёбад.

Аз маврид истифода бурда, аз самими қалб ба Шумо, Аълоҳазрат тандурустӣ ва хушбахтӣ, ба халқи дӯсту бародари ӯзбек фаровонӣ ва шукуфониро таманно дорам.

Аҳмет Неждет СЕЗЕР,
Президенти Туркия.

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Аълоҳазрат,

Дар арафаи санаи фарҳунда—Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба ман шарафи аз номи халқ, Ҳукумати Покистон ва шахсан аз номи худ самимона муборакбод намудани халқ ва Ҳукумати Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ҷаноатмандии бузург мебахшад.

Муҳтамад ҳастам, ки муносибатҳои гарму чӯшон ва дӯстона байни мамлакатҳоямон дар оянда ҳам инкишоф меёбанд.

Аз маврид истифода бурда, ба Шумо, Аълоҳазрат тани сиҳҳати мустаҳкам, хушбахтӣ, ба халқи ӯзбек—шукуфонӣ ва фаровонии минбаъдаро таманно дорам.

Иҷозат фармоед, Аълоҳазрат, бори дигар эҳтиромамро нисбататон баён кунам.

Генерал Парвиз МУШАРРАФ,
Президенти Ҷумҳурияти Исломии Покистон

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Аълоҳазрат,

Аз номи Ҳукумат ва халқи Ҷумҳурияти Куриё изҳор кардани муборакбодии самимона ба Шумо ва тамоми халқи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар мавриди Рӯзи истиқлол ба ман ҷаноатмандии бузург мебахшад.

Ниҳоят пеш рафтани муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориро байни Ҷумҳурияти Куриё ва Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба ҷаноатмандӣ қайд карда, дилпурии ҳудро дар ин бобат баён мекунам, ки муносибатҳои мазкур минбаъд низ ба хотири шукуфонии мамлакатҳоямон дар солҳои пешистода таҳким меёбанд.

Дарҳостҳои беҳтаринамро дар бобати тандурустӣ ва комёбиҳо, ҳамчунин шукуфонӣ ба мамлакати бузургатон қабул фармоед.

Ким Дэ ҶУНГ,
Президенти Ҷумҳурияти Куриё.

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Аълоҳазрат,

ба муносибати иди миллии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба Шумо Аълоҳазрат ирсол кардани муборакбодиҳои самимона ба ман мамнунияти алоҳида мебахшад. Аз ин маврид ба ҷону дил истифода бурда, ба Шумо амонӣ, ба халқи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон бошад, истиқболи саодатнокро баробари дарҳостҳои самимонаам таманно дорам.

Томас КЛЕСТИЛ,
Президенти Федеролии Ҷумҳурияти Австрия.

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Ба муносибати иди Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба Шумо Аълоҳазрат ва халқи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ирсол кардани муборакбодиҳои самимона оиди изҳори истиқболи орому фаровон ба ман мамнунияти калон мебахшад.

ЕЛИЗАВЕТА II,
Маликаи Шоҳигарии Муттаҳидаи Британиёи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ.

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Муҳтарам ҷаноби Президент!

Ба муносибати иди миллии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон иҷозат фармоед дарҳостҳои самимонаамро оиди тинҷиву оромӣ ва фаровонӣ ба Шумо ва тамоми халқи ӯзбек ирсол намоям. Баробари ин изҳор кардани ҳастам, ки дигаргуниҳои демократиро дар Ӯзбекистон ҷонибдорӣ мекунем ва он имкон медиҳад, ки барқарорӣ ва сулҳу салоҳ дар минтақаи Осиёи Марказӣ қарор ёбад.

Шуморо бовар кунонданӣ ҳастам, ки Лаҳистон барои мустаҳкам кардан ва боз ҳам рушди ҳамкорӣ байни мамлакатҳоямон бо назари доимии шавқу завқ муносибат мекунад. Боварии комил дорам, ки рушди ҳамкорӣ ба ҳар ду ҷониб фоида меоварад ва дар ин бобат ташрифам ба мамлакати шумо кӯмак мерасонад, ки амалӣ гардондани онро моҳи октябр ба нақша гирифтаам.

Бо камоли эҳтиром
Александр КВАСНЕВСКИ,
Президенти Ҷумҳурияти Лаҳистон.

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Дар мавриди Рӯзи истиқлол ба Шумо Аълоҳазрат муборакбодиҳо ва дарҳостҳои беҳтаринамро дар бобати фаровонӣ ба халқи Ӯзбекистон ирсол мекунам.

БЕАТРИКС,
Маликаи Ҳӯлланд.

«Барои амният ва сулх мубориза бурдан лозим»

Нашриёти «Ўзбекистон»-и Оҷонсӣ оид ба матбуот ва иттилооти Ўзбекистон ҷилди даҳуми асарҳои мунтахаби Президент Ислом Каримовро таҳти унвони «Барои амният ва сулх мубориза бурдан лозим»» аз чоп баровард. Ба ин ҷилд маърӯзаҳои сарвари давлатамон дар иҷлосияҳои Олий Маҷлис аз моҳи маи соли 2001 то моҳи июли соли 2002, суханрониҳои вай дар маҷлисҳои Девони Вазирон, иҷлосияҳои Кенгашҳои вакилони халқи вилоятҳо ва мулоқоту конфронсҳои байналхалқӣ ва маросимҳои тантанавӣ, сӯҳбат бо кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ, ташкилотҳо, ҳамчунин суханрониҳои ӯ дар мулоқотҳои муҳим дар доираи сафарҳои расмӣ ба Федератсияи Россия ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҷо пайдо кардааанд.

Дар китоб усулиятҳои ба худ хоси сиёсати дохила ва берунии мамлакатамон, масъалаҳои умдаи минбаъда амиқгардонии ислоҳот, озодкунии ҳаёти ҷамъияти-ву иқтисодӣ ва дар ҷамъият қарор гирифтани рӯҳи тадбиргарӣ муфассал таҳлил гардидаанд.

«Имрӯзҳо тавассути озмоишҳои на он қадар сабук, ки аз сар гузарондем, роҳи тайкардаро аз нигоҳи танқидӣ арзёбӣ карда, мо бо дилпурӣ гуфта метавонем, ки шакли тараққиёти минбаъдаамон, ки ба панҷ усулият такя мекунад, усулиятҳо «Ислоҳот на ба хотири ислоҳот, балки ислоҳот ба хотири инсон аст», «Маъвои нав насохта, кӯҳнаашро вайрон макун!» дар ҳаётамон шиори асосӣ гардидааанд ва дар ҳаёт татбиқи амалии худро ёфтаанд...

Агар бигӯем, ки шаҳрвандони Ўзбекистон, халқи мо дар тӯли даҳсола роҳи бузургро, ки ба садсолаҳо баробар аст, тай намуд ва имрӯзҳо ҷараёни ислоҳоте, ки дар мамлакати мо амалӣ гардонда мешавад, чиҳати нобозгашт пайдо кардааст, ягон муболиғае намебуд»— зикр намудааст сарвари давлатамон дар ин китоб.

Натичаҳои дар мамлакатамон ба рӯи об баровардани ислоҳотҳои доманадорро дар иқтисодиёт, ҷамъияту сиёсат дар солҳои истиқлолият таҳлил намуда, Президент комёбиҳои ба даст омадаро ин тавр арзёбӣ менамояд:

«Мо танҳо таҳкурсиро барои ҳаёти зебое гузоштем, ки дар ин хусус орзуву омол доштем.

Вале маро одамонамон, нуктаи назарашон ба оянда, саъю кӯшишашон, ҳамаҷониба сафарбар кардани онҳову якдилиашон хушу хурсандӣ мебахшад.

Ба фикрам, одамони мо фикру ғояи худро ба сохтмони ҳаёти нав, ҷамъияти нав сафарбар карда, ба он мубориза мебаранд, то ки он нисбати дарачаи ҳаёт дар мамлакатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ мутараққӣ кам набошад. Халқи мо барои мустаҳкам кардани низоми сиёсиву иқтисодӣ, баланд бардоштани он ба дарачаи нав ба мақсади амалӣ гардондани саъю кӯшиш, орзуву омоли бехтарин тайёр ҳастанд.

Ба фикрам, он комёбии аз ҳама калон ба ҳисоб меравад. Ва он барои ман нишона аз қувваи бузург аст. Аз ин нуқтаи назар имрӯзҳо чиҳати ба худ хоси Ўзбекистон, агар хоҳед, рамзи он, ин гузаштан аз азму хоҳиш ба арзи амал мебошад...»

Аз номи асар бармеояд, ки муаллиф ба амнияти мамлакат, мубориза ба муқобили терроризм диққату эътибори калонро нигарондааст. Дар бораи аҳамияти китоб, дар он баён шудани масъалаҳои умдаи айёми кунунӣ аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки таклифҳо, фикру мулоҳизаҳое, ки ба муттаҳид кардани арзи амал нигаронда шудаанд, муттаҳид кардани қувваҳоро ба муқобили терроризми байналхалқӣ, пешгирӣ кардани таҳдид ба сулху салоҳ ва мўътадилӣ дар сайёраро талқин кардааанд. Дар он оид ба масъалаҳои ҳаллу фасли муаммоҳои алоқаманди таъмини сулху салоҳ ва мўътадилӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ақидаҳои зиёди муфассал баён гардидааанд.

Китоби нави Президент аз он чиҳат боз пурарзиш аст, ки дар он масъалаҳои равобити ба ҳамдигар муфид ва ҳамкорӣ бо тамоми соҳаҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, мамлакатҳои номдор, аз қабили Иёлоти Муттаҳидаи Амрико—давлати аз ҳама пуриқтидори ҷаҳон таҳлили амиқи ҳудро пайдо кардааанд. Муаллиф зикр мекунад, ки кӯмак ва дарёфти шарик дар бобати кафолат оид ба масъалаҳои амният, ки дар бобати ояндаи истиқлол ва шукуфонии Ўзбекистон, ҳаёти озод ва фаровон нақши калон мебозад, аҳамияти муҳим касб мекунад. Вай диққату эътиборро ба аҳамияти таърихии ҳуччатҳо дар бораи вусъат додану пурзўр кардани ҳамкорӣ, ки бо ҳукумати Амрико ба имзо расидаанд, пеш аз ҳама ба мақсади рушди равобити байниҳамдигарии иқтисодӣ, дар мамлакат амиқ гардондани муносибатҳои демократӣ ва иқтисоди бозаргонӣ, баланд бардоштани босамарии ислоҳот ҷалб месозад.

Дар китоби сарвари давлатамон ҳамчунин аз хусуси мақсадҳои ислоҳсозии ҷамъият, ки дар назди одамон истодаанд, роҳҳои ба даст овардани онҳо муфассал сухан рафтааст. Дар ин бора ҳарф зада, сарвари давлатамон ба Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо диққату эътибори калонро нигарондааст. Яъне, мушаххасан зикр менамояд, ки дар ин бобат: «Иҷрои Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо, кадрҳое, ки ба талаботи аз ҳама волои замон ҷавобгӯ ҳастанду тақдири мамлакатро мо ба онҳо бовар карда супурданием, вазифаи аз ҳама муҳиму умда ба ҳисоб меравад».

Дар китоб ҳамчунин ғояи муҳим оиди озодкунии нуқтаи назарҳои сиёсӣ, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои зоҳир кардани қувваҳои ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ғайридавлатии Ўзбекистон, дар бораи зарурати ба вучуд овардани симои сиёсӣ, ташкили ҳизбҳое оварда шудаанд, ки аз ягон ҷунбиш камӣ надоранд.

Дар китоб муаллиф борҳо зикр намудааст, ки суръатфизоии демократиконӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҷамъият, аз он ҷумла пурра дар ҳаёт татбиқ намудани усулияти озодии сухан ҳамчун масъалаи умдаи рӯз шуда боқӣ мондааст. Ба ҳамин муносибат диққату эътибор ба он нигаронда шудааст, ки аз тарафи воситаҳои ахбори оммавӣ баробари чиҳатҳои мусбии ҳаёт равшан кардани камбудиҳое, ки боиси норозигии аҳолӣ гардидаанд, вазифаи муҳим аст ва онҳо бояд аҳолиро бо «иттилооти обективӣ» ошно гардонанд ва бо ҳамин муҳити заруриро ба он фароҳам ованд, то ки ҳар кадом мустақилона «сиёҳу сафед»-ро аз ҳам фарқ кунанд, соҳиби тафаккури хеш бошанд.

Дар китоб ҳамчунин фикру мулоҳизаҳое баён гаштаанд, ки ба дигар самтҳои ҳаёти серҷанбаамон мутааллиқ мебошанд.

(ЎзА).

Сафар ба Амрико

Алҳол ба қисми зиёди ҳамватанонамон он чиз равшан аст, ки муносибатҳои ўзбекистониву амрикоӣ дар пойгоҳи ҳамкории дучонибаи ба ҳамдигар муфид рушд меёбад. Сафари навбатии Президент Ислом Каримов ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико 11-14 марти соли 2002 иқдоми махсусан муҳим дар роҳи рушду таҳким ёфтани ин ҳамкорӣ гардид, ки онро на танҳо сиёсатшиносони ду мамлакат, балки ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳам эътироф менамоянд.

Баъди ин сафари таърихӣ ИМА ба маънои ҳақиқӣ шарики стратегии мо гардид. Ба ҳамин муносибат зарурати муфассал баён кардани таърих, эволютсияи ин равобиту ҳамкориҳо, марҳилаҳои рушди он, миқёси иҷтимоиву сиёсӣ ва аҳамияти таърихии он ба миён омад. Бо назардошти ин зарурат нашриёти «Ўзбекистон» китобро таҳти унвони «Америкага ташриф—Визит в Америку» («Сафар ба Амрико») аз чоп баровард, ки ба забонҳои ўзбекиву русӣ таълиф ёфтааанд.

Дар он ҳуччатҳо ва мақолаҳои муҳим васеъ ҷойгиранд, ки ба муносибатҳои ўзбекистониву амрикоӣ дахлдоранд.

Фикру мулоҳизаҳо ва хулосаҳои Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов ва Президенти ИМА Ҷорҷ Буш дар бораи аҳамияти ҳамкорӣ байни ду давлат моҳият ва аҳамияти китобро ташкил медиҳад.

Мақолаву шарҳҳое, ки арбобони давлатӣ, сиёсатшиносон, паёмнигорон иншо кардааанд, ба таҳлили равобиту ҳамкории серҷанбаи мамлакати мо дар тамоми соҳаҳои ҳаёт бо давлати аз ҳама пуркудрати ҷаҳон—Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бахшида шудаанд. Табиист, ки ба хонандагон Изҳороти таърихии Президент Ислом Каримов аз 5 октябри соли 2001, мусоҳибаи ў бо муҳаррирон ва паёмнигорони рўзномаву маҷаллаҳои аз ҳама бонуфузи ИМА, ҳамчунин фикру мулоҳизаҳо оид ба масъалаҳои ҳамкории иқтисодӣ, ҳарбиву техникӣ, ки дар мулоқотҳои муҳим дар сарзамини Амрико баён гардидаанд, майлу шавқи калон мебахшад.

Сарвари давлатамон бо ҳаноатмандӣ баён кардааст, ки дар айёми озмоиши вазнини баъди воқеаҳои фочиабори 11 сентябри соли 2001 «Ўзбекситон якҷоя бо халқи Амрико буд ва алҳол, монанди он рўзҳои фочиабор, амалиётҳои зиддитеррористиро боэътимод ва қатъият ҷонибдорӣ мекунад», дар бораи омилҳое муфассал ҳарф задааст, ки ба ҳамаҷониба таҳким бахшидани ҳамкории ўзбекистониву амрикоӣ ва баланд бардоштани муносибатҳои ба ҳамдигар муфид ва дарачаи нав мусоидат мекунад.

Дар китоб сарвари давлатамон зикр намудааст: Дар бораи он чизе, ки ҳини сафари расмӣ ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дидем, хулосаҳоеро, ки мо ҳосил кардем, умум гардонда, бо назардошти муносибате, ки ба мо зоҳир гардид, ба ўзбекистониён нақл карда, бори дигар тасдиқ кардани ҳастам, ки мо дар айёми мураккаб ҳаёт ба сар мебарем, вале ояндаи мо бузургу дурахшон аст».

Дар рафти ташриф дар натичаи мулоқоти сарварони ду давлат ба дарачаи воломақом як қатор ҳуччатҳои муҳим ба имзо расиданд. Аз ҳама муҳимтарини он Эъломия дар бораи шарикии стратегӣ ва асосҳои ҳамкорӣ байни Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мебошад. Имзои Эъломия ба дарачаи нави сифатан баланд бардоштани муносибатҳои дучонибаро тасдиқ мекунад, зеро ҳуччати мазкур воқеаи нодир дар амалияи муносибатҳои ИМА бо дигар мамлакатҳо ба ҳисоб меравад.

Дар китоб зикр ёфтааст: «Шарикии стратегӣ ба мамлакат, аз қабили ИМА, ба неруи бузург ва обрўи калони байналхалқии он, чунин маънӣ дорад, ки мо ба ҷонибдории онҳо дар бобати саъю кўшишамон дар бобати таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ такя карда метавонем».

Дар рафти сафар мулоқотҳои шавқовари амалии ҳайати вакилони ўзбекистонӣ бо аъзоёни Конгресс, сенаторҳо, аъзоёни ҳукумат, арбобони ҷамъиятӣ ва тадбиргарони Амрико ба амал омаданд. Дар онҳо самтҳои ҳамдигарфаҳмӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳои доманадор оид ба манфиатҳои умумии ҳукуматҳои Ўзбекистон ва Амрико, вусъати ҳамкорӣ, махсусан зарурати пурзўр гардондани ҳамкории дучониба дар соҳаҳои сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг, илм, тиҷорат, сармоягузорӣ ва амният мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳуҷатҳои дахлдор ба имзо расиданд. Дар китоб муфассал самтҳои ҳамкории байни мамлакатҳоямон талқин гардидаанд. Ва аҳамияти онҳоро аз суханҳои Президент Ислом Каримов ҳам пай бурдан душвор нест, ки гуфтааст:«Чуноне ки бидуни гузашта оянда нест, ҳамчунин бидуни ҳамгароии фарҳангӣ ва масоҳати интеллектуалӣ пешрафт ҳам намешавад».

Дар мақолаҳо ва шарҳҳои муаллифони табақаи гуногуни сафари расмии Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба Амрико, ки аз китоб ҷо пайдо кардаанд, гаштаву баргашта сафар чун воқеаи таърихӣ ба қалам дода шудааст, ки оғози марҳилаи нави муносибатҳои байни ўзбекистониву амрикоӣ буда, дар онҳо ба натичаҳои сафар баҳои баланд дода шудааанд.

Ҳамчунин дар китоб суханони самимии баёнкардаи арбобони номдори давлативу ҷамъиятии Амрико дар бораи Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва сарвари он гирд омадааанд. Аз он ҷумла, вазири молияи ИМА Пол О, Нил бо ҳаноатмандӣ чунин зикр намудааст:

«Ман ба Президент Ислом Каримов ба вачд омаданамро дар бораи сару сарвариаш ба оиди таъмини равандҳои дигаргуниҳои иқтисодӣ, баробари ин диққату эътибори зарурӣ доданаш ба таълим ва талабҳои муҳими башардўстонаи аҳолии Ўзбекистон баён кардам. Ва ба ман имконияти гузарондани вақт бо инсоне хеле ҷоиз буд, ки бо интеллектуалии чиддӣ ва саъю кўшиши амиқи беҳдошти ҳаёти халқи ин мамлакат умр ба сар мебарад».

Номи китоб «Сафар ба Амрико» мазмуни рамзии ба худ хосро молик аст. Вай пеш аз ҳама аҳамияти калони сафари расмии Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримовро ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико 11-14 марти соли 2002 ва муносибатҳои мутақобилаи ду мамлакатро дар бар гирифтааст. Баробари ин бо кўмаки китоби мазкур хонанда ҳаёлан ба сарзамини Амрико сафар мекунад ва барои худ кишвари дурдасту зеборо кашф менамояд.

(ЎзА).

Ҳайкали «Модари мотам»



Ноҳияи Юқори Чирчиқи вилояти Тошканд яке аз ноҳияҳои аз нигоҳи иқтисодӣ бақувват ва сераҳолӣ ба ҳисоб меравад. Аз он ҷумла, дар хоҷагии ширкатии Гулистон 17 ҳазор нафар аҳолӣ истиқомат мекунанд, ки мансуби миллатҳои мухталифанд.

Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон аз хоҷагии мазкур беш аз 1400 нафар ба ҷабҳа рафтанд. Аз онҳо беш аз панҷсад нафарашон аз набардгоҳҳо барнагаштанд. Ба ҷуз ин дар давраи қатағон 100 оила бадарға карда шуд.

31 август-Рўзи ёдбуди қурбониёни қатағон дар деҳаи Ҷумъабозор ҳайкали «Модари мотам» кушода шуд. Ба деворҳои мучассама ному номи авлоди 512 нафар сабт гардидааанд, ки дар давраи мустабид ҳалок шудааанд ва ё беному нишон гаштаанд.

Ҳангоми кушоиши маҷмўъ оксақолон, собиқадорон, пайвандони шахсоне иштирок намуданд, ки қатағон гаштаанд. Хотираи шоҳидон бо як дақиқаи сукут ба ёд оварда шуд.

Дар сурат: ҳайкали «Модари мотам» дар Ҷумъабозор.

Матн ва сурати Муҳаммад Амин (ЎзА).

Роҳи пуршарафи истиқлол

Ўзбекистон дар тўли ёздаҳ соли тараққиёти мустақилонаи худ дар соҳаи сайёҳӣ ва меъморӣ ҳам ба комёбиҳои калон муваффақ гардид. Соҳаҳои мазкур ҳам аз таъсири мафкура пурра халос гардида, барои манфиати халқ хизмат мекардагӣ шуданд. Арзишҳои миллӣ дар ин соҳаҳо ҳам мавқеи калон пайдо карда, номи мардуми Ўзбекистонро саросари дунё машҳур гардонд.

Дар поён аз хусуси рушди соҳаҳои сайёҳӣ ва меъморӣ дар мамлакатамон ҳикоя карда мешавад.

12. Мамлакати сайёҳӣ мегардад

Сатрҳои зеринро, ки ба қалами Президенти Ассотсиатсияи меҳмонхонаҳои ғарбии Ню-Йорк Теодор Холликвист мансуб асту онро расман эълон карда, баробари ин дар анҷумани илмиву амалӣ, ки соли 1992 дар Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошканд ба забон гирифта буд, ҳеҷ аз ёд намебарорем. Вай доири сайёҳӣ фикру мулоҳизаҳои хешро баён карда, гуфта буд:

—Рушди сайёҳӣ мамлакататонро номдор мекунад. Халқи ачиб ва таомҳои мухталифи миллиатон, шаҳрҳои қадимаву нави аз ҳамдигар зебоятон аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки давлати шумо дар ин бобат имконияти калонро соҳиб асту он дар садаи ХХ1 ба мамлакати сайёҳӣ мубаддал мегардад.

Ва ин суханон беҳуда ба забон гирифта нашуда буданд. Моҳи апрели ҳамон сол Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов дар бораи тасдиқ намудани Барномаи давлатии рушди сайёҳӣ дар Ўзбекистон то соли 2005 эълон гардида, ба зиммаи ташкилотҳои мухталифи соҳа вазифаҳои мушаххас гузошта шуда буданд. Пеш аз он бошад, Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар бораи созмон додани Ширкати миллии «Ўзбектуризм» ба имзо расид. Ва он албатта, ба меҳмонони хориҷӣ таассуроти амиқе боқӣ гузошт. Чунки ҳамон рўзҳо дар пойтахти ҷумҳуриятамон маҷлиси сайёри Комиссияи аврупоии Ташкилоти байналхалқии сайёҳӣ мегузашт, ки таҳти васояти ТБО ва ЮНЕСКО ва Ширкати миллии «Ўзбектуризм» доир гардида буд. Ва он аз эҳтироми бузурги Ташкилоти байналхалқии сайёҳӣ (ТБО) ба мероси таърихиву фарҳангии Ўзбекистон далолат медоду эътирофи дигаргуниҳои калон дар фурсати кўтоҳ ба ҳисоб мерафт.



Ҳамон вақт дар Барномаи давлатии рушди сайёҳии Ўзбекистон то соли 2005вазифаи аз ҳама муҳим—ба вучуд овардани шакли миллии сайёҳӣ буд, ки мебоист дар худ андозаҳои беҳтарини замонавиву ҷаҳонии хизматрасониро баробари дар он мустаҳкам ҷойгир сохтани ҷузъҳои меҳмоннавозии шарқона таҷассум мегардонд. Барнома аз ҷониби мутахассисони ўзбекистонӣ якҷоя бо корбастони хориҷӣ таҳия гардида, барои ба ҷумҳурият ҷалб сохтани сайёҳони хорича, мубаддал сохтани соҳаи тиҷорати сайёҳӣ ба яке аз соҳаҳои даромадноки иқтисодиёти мамлакат, рушди тамоми намудҳои сайёҳӣ ва расондани андозаҳои хизмат то дарачаи ҷаҳонӣ нигаронда шуда буд.

Хўш, ин барнома чӣ тавр иҷро мегардад? Дар тўли ёздаҳ соли рушди мустақилонаи Ўзбекистон соҳаи мазкур кадом комёбиҳоро ба даст овард? Барои дарёфти ҷавоби ин саволҳо ҳаракат мекунем, ки ба мисолҳои мушаххас муроҷиат карда, моҳияти пешрафтро дар пойгоҳи далелҳои мухталиф равшан намоем.

Ба ҳамагон маълум аст, ки сайёҳӣ ин маънии босамар гузарондани вақти одамон ва баҳра бардоштан аз дурдонаҳои нодир ва ғайраро дорад. Пеш аз ҳама аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидани Ўзбекистон ба рушди соҳаи мазкур таъсири калон расонд. Алоқаҳои Ўзбекистон бо давлатҳои ҷаҳон мустаҳкам гардид. Дар ҷунин шароит сайёҳии мамлакат ҳам умри дубора дида, болҳои мустаҳкам пайдо кард. Тавассути сайёҳӣ Ўзбекистон ҷаҳонро, ҷаҳон бошад Ўзбекистонро кашф намуд. Баъдан дар бобати афзун гардондани воридшавии асъори озодтабодул ҳам нақши калоне бозид.

Гуфтанатон мумкин аст: дар давраи салтанати шўроҳо ҳам ба Ўзбекистон сайёҳон меомаданд, шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд, Бухоро, Хева ва ғайраро тамошо мекарданд. Ҳамон вақт ҳам асъори озодтабодул меафтид. Вале сайёҳон ҳамон вақт намедонистанд, ки ин шаҳру марказҳои муҳими сайёҳӣ ба Ўзбекистон мансуб нест, танҳо барои манфиати собиқ Иттиҳод хизмат мекарданд.

Баъди ба даст омадани истиқлолият дар соҳаи сайёҳии мамлакат гардиши куллӣ ба вучуд омад. Асоси миллии сайёҳӣ ба вучуд оварда шуда, Ўзбекистон ҳамчун давлати мустақил ба саросари ҷаҳон муаррифӣ гардид. Маълум карда шуд, ки Ўзбекистон яке аз ҷаҳворачунбони тамаддуни ҷаҳонӣ буда, халқи он соҳиби урфу одат ва анъаноти ба худ хос мебошад, дар ин ҷо ёдгориҳои зиёди таърихиву меъмориро пайдо кардан мумкин аст, ки бо дастони сеҳрофари ниёконамон қад кашидаанд ва авлоди имрўзаи миннатдор анъанаи неки онҳоро давом дода, ба сайёҳӣ мазмуну мундаричаи навро ворид мекунанд, биноҳо ва маҳалҳои зебоеро месозанд, ки дар он баробари анъаноти меъмории миллӣ андозаҳои беҳтарини талаби меъмории замонавӣ акси ҳудро пайдо кардааанд. Ва ин фикрро далелҳои мазкур тасдиқ мекунанд.

Ҳоли ҳозир дар Ўзбекистон Ширкати алоҳидаи миллии сайёҳии «Ўзбектуризм» фаъолият пеш бурда, дар низоми худ 96 корхона ва ташкилотро муттаҳид сохтааст. Ба ҷуз ин дар бозори сайёҳӣ мувофиқи талаби иқтисоди бозаргонӣ ва рушд бахшидани рақобат дар соҳа 431 фирмаи сайёҳӣ, Ассотсиатсияи ташкилотҳои сайёҳии хусусӣ фаъолият пеш мебаранд, ки аз серамволдорӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Баробари ин соҳаи сайёҳӣ вазифаи ба зиммаи худ гузоштаро дар бобати ошно сохтани сайёҳон бо шаҳрҳои таърихии Самарқанд, Бухоро, Хева, Шаҳрисабз ва ғайра, меъморияи ёдгории нодири таърихиву меъморӣ ва дигар ҷойҳои ба диққат сазовори Ўзбекистон бомуваффақият ба иҷро мерасонад. Баробари ин боз 20 самти нави сайёҳӣ муайян карда шудааст, ки ба он сайёҳони хорича бо шавқу завқи калон муносибат мекунанд.

Дар соҳаи сайёҳӣ ба тайёркунии кадрҳо диққату эътибори калон нигаронда шудааст. Аз ин рў муассисаҳои нав ба нави таълимӣ дари ҳудро боз намуда, дар он ҷавонписарону духтарони соҳибистеъдод таҳсили илм карда, сирру асрори касби ҳудро меомўзанд. Баробари ин заминаи моддиву техникии соҳа хеле мустаҳкам гардидааст. Алҳол дар ин соҳа техникаву мошинҳо ва автобусҳое истифода бурда мешаванд, ки аз фирмаҳои хорича камӣ надоранд. Меҳмонхонаҳо таҷдиди меёбанд. Ба меҳмонхонаҳои се-чор ва панҷситорадор табдил додани меҳмонхонаҳои мавҷуда корҳои зиёде ба иҷро расиданд. Дар онҳо барои сайёҳон кулли шароит фароҳам оварда мешаванд. Аз он ҷумла меҳмонони хорича бештар дар меҳмонхонаҳои «Отел Ўзбекистон», «Шодлик Палас», «Афросиёб Палас», «Бухоро Палас», «Хоразм Палас» ва ғайра ҳобиданро мепурсанд. Чунки дарачаи хизмат дар ин масканҳо мувофиқи андозаҳои байналхалқӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар солҳои истиқлолият ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаи мазкур хеле мустаҳкам гардид. Аз он ҷумла шартномаҳо ба фирмаву ташкилотҳои номдори соҳаи сайёҳӣ, аз қабили «Интурист»-и Россия, мактаби сайёҳии Залсбург, ширкатҳои сайёҳии амрикоии «ЭКВО ТУРС», «Силкроад сафарис», «ИТВ», «ВТМ», «ВИТ», «Фитур» ва ғайра ба имзо расидааанд. Ҳар сол дар Тошканд «Наврўз» ва «Хонаи бахт» қад кашидаанд. Ва маҳз ана ҳамин сохтмони обектҳо аввали солҳои 80-ум оғоз ёфта, нотамом боқӣ монда буданд. Қасри имрўзаи бошукўҳи «Туркистон» ва дигар биноҳо ҳам ба ҷумлаи обектҳои «ғўшти шутурҳўрда» мансуб гардида буданду дар ин бобат бисёр мақолаҳои танқидӣ ҳамон солҳо рўи чопро дида буданд. Вале сохтмони онҳо маҳз дар рўзҳои аввали истиқлолият ба анҷоми ҳуд расиданд.

Аслан, рушди меъмории солҳои истиқлолият, ки ба ҳуд шаклиҳои мушкоҳи байналхалқии сайёҳӣ» гузаронда мешавад. Маршрутҳои сайёҳии Ўзбекистон тамоми шаҳрҳои қад-қади Роҳи бузурги Абрешим ва қариб 4000 ёдгориҳои таърихиву меъмориро дар бар гирифтаааст, ки аксари онҳо таҳти ҳимояи ЮНЕСКО қарор доранд.

Аз ҳама муҳимаш дар солҳои истиқлолият садҳо ёдгориҳои меъмориву таърихӣ умри дубора диданд. Бисёрии ин ёдгориҳо дар солҳои ҳукмронии шўроҳо ҳароб гардида, то дарачаи маҳвшавӣ расида буданд. Ва истиқлол ба ин ёдгориҳо манзараи дигаре бахшид, ки ба ҷумлаи онҳо Зангиота, мақбараи Шайхонтоҳур, Анбар-бибӣ, мадрасаи Баракхон, маҷмўи Ҳазрати Имом, мақбараи Амир Темур, мақбараи Исмоили Сомонӣ, мадрасаи Улуғбек, манораи Калон, маҷмўъҳои Кампиртеппа, Ҳаким Ат-Тирмизӣ, манораи Зумрад ва ғайраро шомил гардондан мумкин аст.

Алқисса, сайёҳӣ рушд меёбад ва барои фатҳи қуллаҳои нав ба нав саъю кўшиш дорад. Чунки мувофиқи барномаи давлатии рушди сайёҳӣ то соли 2005 ба мамлакатамон омадани миқдори сайёҳон соле ба як миллион нафар пешбинӣ гардидааст. Ҳоло бошад, ин рақам ҳамагӣ ним миллионро ташкил медиҳад. Коргоҳҳои нав ба вучуд оварда мешавад. Миқдори кормандоне, ки бо сайёҳӣ сарукордор мешаванд, соли 2005 нисбати нишондиҳандаи қунун се маротиба меафзояду такрибан ба сад ҳазор нафар мерасад. Ва он қувваи бузург мегардад.

13. Назаре ба меъмории истиқлол

Меъморӣ аз қадим дар ҳудуди мамлакати мо рушд ёфта, бо мазмуну мундаричаи нав ғанӣ гардидааст. Ин аст, ки ба мо аз ниёконамон мероси калон дар ин бобат боқӣ мондааст, ки ба он бо фахру ғурур назар меафканем, ба қудрати дасту тафаккури онҳо қоил мемонем. Дар айни замон ин анъанотро идома дода, авлоди имрўзи миннатдор корҳоеро ба иҷро мерасонад, ки ба таъриф онҳо қалам очизӣ мекунад. Ва инро дар мисоли меъмории Ўзбекистон дар ёздаҳ соли истиқлолият ҳам дидан мумкин аст. Охир, дар тўли ин солҳо чӣ қадар бинову кўшк, қасру бозорҳо қад накашиданд, ки ба шумурдан кас очизӣ мекунаду аз ба бунёдкорӣ ташна будани халқи меҳнатдўстамон дарак медиҳад. Ба дур нарафта, онро дар мисоли шаҳри Тошканд ҳам дида бароем, аз фоида холӣ намебуд. Ана, бигирем майдони Дўстии халқҳоро. Дар шафати қасри он тарабхонаи «Наврўз» ва «Хонаи бахт» қад кашидааанд. Ва маҳз ана ҳамин сохтмони обектҳо аввали солҳои 80-ум оғоз ёфта, нотамом боқӣ монда буданд. Қасри имрўзаи бошукўҳи «Туркистон» ва дигар биноҳо ҳам ба ҷумлаи обектҳои «ғўшти шутурҳўрда» мансуб гардида буданду дар ин бобат бисёр мақолаҳои танқидӣ ҳамон солҳо рўи чопро дида буданд. Вале сохтмони онҳо маҳз дар рўзҳои аввали истиқлолият ба анҷоми ҳуд расиданд.

ли милливу мазмунан халқиро гирифт, ҳангоми сохтани ҳайкалҳо ба Амир Темур дар Тошанду Самарқанд ва Шаҳрисабз рух дод, ғўем- ягон муболиғае намебуд. Баъдтар сохтани Осорхонаи давлатии таърихи Темуриён навгонии муҳим дар соҳаи меъмории солҳои истиқлолият гардид. Ба истифода супурдани биноҳои нави Олий Маҷлис, ҳокимияти шаҳри Тошканд, бозорҳои мухталиф дар амал нишон дод, ки меъмории миллии мо дорои имкониятҳои калони адоношаванда буда, дар алоқамандӣ бо андозаҳои байналхалқӣ баробар қадам мепартояд.

Дар майдони асосии мамлакат—Мустақиллик ба вучуд овардани Майдони Хотира, сохтани ҳайкали Модари Мотам, дар соҳили Бўзсув қомат афрохтани маҷмўи «Хотираи шаҳидон» рўҳи халқамонро баланд бардошт, дар меъмории солҳои истиқлолият обидаҳое гардид, ки мақоми махсусро пайдо кардааанд.

Бозорҳоямон ҳам ҳусни тамоман нав гирифтанд. Меҳмонхонаҳоямон бошанд, аз якдигар зебову назаррабо гардиданд. Меҳмонхонаҳои «Интерконтинентал», «Шератон», «Буми Тошканд» намунаи нодири меъморӣ ба ҳисоб мераванд. Онҳо пеш аз ҳама бо созгорӣ пайдо кардан ба талабҳои меъмории замонавӣ ба куллӣ фарқ карда меистанд.

Майдонҳои ҳавоиамон ҳам ҳусни ҳудро тағйир доданд, аз дурдонаҳои меъмории миллӣ баҳра бардоштанд ва онро мо дар мисоли майдонҳои ҳавоии Самарқанду Бухоро, Хеваву Тирмиз ва ғайра дида метавонем.

Маҷмўъҳои мухталифи варзишӣ, аз қабили корти тенниси Тошканд, Маҷмўи варзишии «Ҷар», биноҳои Осорхонаи шаъну шарафи Олимпӣ, ҳавзаи оббозии Юнусобод, маҷмўи варзишии «Паҳлавон»-и Намангон, варзишгоҳҳои «Наврўз»-и Андиҷон ва «Бухоро»-и Бухоро ҳам маҳз дар солҳои истиқлолият сохта шуданд ва алҳол ба халқамон хизмат мекунанд.

Дар биноҳои тамоман шаклан нави миллӣ ҷойгир шудани муассисаҳои нави таълимӣ—литсейҳои академӣ, коллеҷҳои касбу ҳунар ҳам ҳаваси ҳамагонро меоварад. Чунки дар онҳо тамоми талабҳои меъмории замонавӣ дар ҳамоҳангӣ ба услуби миллӣ маҷмўъгӣ ҳаллу фасли ҳудро ёфтаанд.

Дар вилоятҳо ҳам талабҳои меъмории миллӣ пурра риоя мегардад. Онро мо дар мисоли сохтану ба истифода супурдани садҳо обектҳои таъиноти мухталиф диданамон мумкин аст. Охир, кас аз тамошои маҷмўъҳои ёдгории Ал-Бухорӣ, Ҳоҷа Баҳоваддини Нақшбанд, Мотурудӣ, «Авасто», Аҳмад Фарғонӣ, Бурҳониддини Марғинонӣ сер намешавад. Сохтани ҳайкалҳо ба Амир Темур, Алишери Навоӣ, Машрабу Бобур ва ғайра низ намунаи нодири меъмории миллӣ ба ҳисоб мераванду маҳз дар солҳои истиқлолият сохта шудаанд.

Маҷмўи Оқсарой, бинои нави Театри миллии Ўзбекистон, Консерваторияи давлатии Ўзбекистон, биржаи Тошканд, Маҷмўи байналхалқии тиҷоративу намоишгоҳӣ, ба бар гирифтани либоси нав даҳҳо биноҳои ташкилоту корхонаҳо, театру мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ, миёнаи махсус, олӣ ва ғайра аз ҳамин далолат медиҳанд, ки меъмории миллӣ дар солҳои истиқлолият ба пеш қадамҳои устуворона гузошта, шўҳрати мамлакатамонро боз ҳам баланд мебардорад.

Мо дар хусуси меъмории солҳои истиқлоли мухтасар ҳарф задем ва ба он амин гардидем, ки дар сар то сари ҷумҳурият ба корҳои ободонӣ, сабзу хуррамгардонӣ ва бунёдкорӣ аҳамияти калон дода мешаваду меваҳои ширини ҳудро мебахшад. Ва он ба авлодони оянда аз мо мерос мемонад. Ва дилпурӣ мебахшад, ки соҳаи меъмории мамлакат аз ин ҳам инкишоф ёфта, бо зебогӣ ва шаҳомати ҳуд ба авлоди оянда таасуроти амиқе боқӣ мегузорад ва ба шиори доимии мо «Ба авлоди оянда аз мо Ватани ободу зебо боқӣ монад» пурра созгорӣ пайдо кардааст.

Э.ТУРДИҚУЛОВ.

**Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ

Навгониҳои Тоҷикистон

Кӯмаки Фаронса

Сокинони деҳаи Дашти нохияи Роштқалъаи Тоҷикистон аз Вазорати умури хоричаи Фаронса 5,8 тонна бори башардӯстонаро мегиранд. Ва кӯмаки мазкур, ки арзишаш 39 ҳазор евроро ташкил медиҳад, ба майдони ҳавоии Душанбе оварда мешавад. Ва он иборат аз хаймаҳо барои истиқомат, таҳсил ва хизматрасонии тиббӣ ва генератори барқӣ, кампал, ҷиҳозоти хониш барои 200 талаба аст.

Хотиррасон мекунем, ки дар натиҷаи офати табиӣ 24 нафар сокини деҳаи Дашт фавтида, 500 нафар бе маъво мондаанд. 70 оила ба нохияи Бешкенти вилояти Хатлон кӯчонда шудаанд.

Минтақаи сайёҳии байналхалқӣ

